# Тақриз

**ба автореферати рисолаи Муҳамадҷони Тағоймуроди Раҳматулло дар мавзӯи «Ғояҳои фаласафаи маориф дар осори мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа пешниҳод гардидааст**

Масъалаи фалсафаи маориф яке аз ҷанбаҳои асосии таҳқиқот дар илми ҷомеашиносии муосир ба шумор меравад. Бахусус, таҳлили ин падидаи илмӣ барои халқу миллатҳое, ки таърихи куҳан ва ғанӣ доранд, дар замони ҳозира бениҳоят муҳим ва зарур мебошад. Миллати тоҷик, бешубҳа, ба қатори чунин мардуми олами мутамаддин дохил мешавад ва омӯзиши ғояҳои фаласафаи маориф дар осори мутафаккирони бузурги он дар асрҳои IX-XIII, ки аз ҷониби муҳаққиқони маъруф ҳамчун давраи "Эҳёи Аҷам" ном гирифта мешавад, аз саривақтӣ ва мубрамияти мавзӯи интихобнамудаи Муҳамадҷони Тағоймуроди Раҳматулло дарак медиҳад.

Мазмуни автореферат шаҳодати он аст, ки муаллиф бо сарчашмаҳои илмии ба паҳлуҳои дигари ин масъала бахшида шуда хуб шинос мебошад ва ба мазмуни онҳо дуруст сарфаҳм рафтааст. Ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот дуруст муайян гардидаанд ва навгонии таҳқиқот мушаххас қайд шуда, онҳо ягон шубҳаро ба вуҷуд намеоранд. Нуктаҳои асосие, ки барои ҳимоя аз ҷониби унвонҷӯ пешниҳод гардиданд, муназзам буда, муҳтавои мухтасари қисматҳои диссертатсияро инъикос мекунанд.

Таҳқиқоти барои ҳимоя пешниҳоднамудаи Муҳамадҷони Тағоймуроди Раҳматулло аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Бобҳо ва параграфҳои дар онҳо ишорагардида мантиқан бо ҳам пайваст мебошанд ва, дар умум, кори таҳлилии ягонаро пеши назар меоранд. Номгузории қисматҳои диссертатсия аз лиҳози илмӣ ба талабот мувофиқ буда, ҳар яке аз онҳо ба ҷанбаҳои боҳамалоқаманди масъалаи ғояҳои фаласафаи маориф дар осори мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII бахшида шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки муаллиф дар рванди таҳиқи масъла тавонистааст хусусиятҳои фаласафаи маорифро дар осори мутафаккирони тоҷикдар асрҳои IX-XIII мушаххас ва ҳамаҷониба баррасӣ намояд. Вобаста ба ин, хулосаи ӯ: «Агар ба гузаштаи давлатдории тоҷикон - даврони Сомониён назар афканем, мебинем, ки ин сохти давлатдорӣ яке аз барҷастатарин ва камназиртарин давраҳои таърихи тамаддуни халқи тоҷик ба шумор мерафт... Яке аз хусусиятҳои фалсафаи маорифи ин давра ҷанбаи инсондӯстӣ ё гуманистӣ доштани он мебошад. Ин масъала, пеш аз ҳама, дар осори аҳли илму адаби ин давра, ба монанди Абунасри Форобӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ, Умари Хайём, Носири Хусрав, Абубакри Розӣ, Закариёи Розӣ, Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абумансури Дақиқӣ, Абулқосим Фирдавсӣ ва ғайра инъикоси худро ёфта буд» [Автореф., саҳ. 19], қобили қабул мебошад.

Натиҷаҳои ба даст омада, хулоса ва пешниҳодҳои тадқиқот барои омӯзиш ва баррасии минбаъдаи фалсафаи маориф метавонанд ҳамчун замина хизмат кунанд. Инчунин, маводи таҳқиқот имкон медиҳад, ки масъалаҳои мухталифи раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ ба таври дақиқу саҳеҳ дарк ва самаранокии ин раванд таъмин карда шавад.

Муҳтавои автореферати диссертатсияи Муҳамадҷони Тағоймуроди Раҳматулло имкон медиҳад хулоса намоям, ки муааллиф мавзӯи муҳимро таҳқиқ намуда, дар он бисёр аз ҷанбаҳои масъала фаласафаи маориф дар осори мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII -ро дар сатҳи зарурии илмӣ ҳаллу фасл намудааст ва ӯ сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа мебошад.

Мудири кафедраи “Фанҳои ҷомеашиносӣ”-и
Донишгоҳои давлатии тиббии Тоҷикистон
ба номи Абӯалӣ ибни Сино д.и.фалсафа, профессор Саидов А.С.

Имзои Саидов А.С.
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ:
Сардори шӯъбаи кадрҳо
“22” 04 2020 с